КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

---

аз "17" марти соли 2020 № 78 ш. Душанбе

Оид ба радкунии додани
унвони илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504), бандҳои 121 ва 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2019, № 1425/1 оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Ҳуқуқшиносӣ ба Раҳматулоев Абдуҷаббор Эргашевич бинобар риоя нагардидани сархати 4 банди 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) рад карда шавад.

2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Комиссия оид ба баррасии парвандаҳои аттестатсионии довталабони унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2020, суратҷаласаи №3.

Раис А. Розиқзода